# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холмуродова Меҳрафрӯз Буриевна дар мавзӯи «Таърихи раванди оштии миллии тоҷикон (солҳои 1991-2001)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Таърих. –Душанбе, 2020.-67 с.**

Муҳиммияти омӯзиш ва таҳқиқи рисола дар он зоҳир мeёбад, ки таърихи раванди оштии миллии тоҷикон бахри ба эътидол овардани авзои сиёсии ҷумҳурӣ нақши назаррас дошта, дар рушдиояндаи мамлакат аҳамияти бузурги таърихӣ дорад. Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идомаи ҷанги шаҳрвандӣ, омилҳои аз даст рафтани истиқлолияти бадастомада ба амал омада буданд. Дар чунин лаҳзаҳои ҳассос ва тақдирсоз неруҳои сулҳофар ва ақлҳои солим наҷоти меҳану миллатро дар сарҷамъӣ ва сулҳу субот арзёбӣ менамуданд. Дар ин ҷода хизмати Сарвари давлат бузург буда, бахри таъмин сулҳу ваҳдати миллӣ тамоми нерӯи худро барои сарҷамъӣ ва сулҳ равона намуда, ҳадафи аслии хешро дар таъмини сулҳу субот, созандагиву бунедкорӣ ва баргардонидани тамоми муҳоҷирону гурезахои иҷборӣ ба Ватани азиз медид.

Дараҷаи таҳқиқоти омӯзиши мавзӯъ ба талабот мувофиқ буда, муаллиф раванди баргузории марҳилаҳои асосии гуфтушуниди ҷонибҳои даргир, ба даст омадани сулҳи тоҷиконро тавассути таҳқиқоти муҳаққиқони гуногун баррасӣ ва мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, ба хулосаҳои зарурӣ омадааст.

Мақсади таҳқиқоти рисола мавриди омӯзиш қарор додани хусусиятҳои таърихи раванди оштии миллии тоҷикон дар солҳои 1991-2001-ум, баррасӣ намудани мушкилот ва монеаҳои он мебошанд, ки аз тарафи муаллиф таҳлилу таҳқиқи илмии худро пайдо намудаанд.

Усули таҳқиқи рисола дар такя ба усулҳои таҳқиқоти таърихӣ, объективона, адолатона, аз таърихи раванди музокироти сулҳи тоҷикон, нақши КОМ, амният ва осоиштагии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути сарчашмаву ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва асарҳои ёддоштӣ аз тарафи муаллиф риоя шудааст.

Навгониҳои илмии диссертатсия дар он зоҳир мешаванд, ки то ҳанӯз бо чунин ҳаҷму номгузорӣ ва истифодаи сарчашмаву адабиёт оид ба омӯзиши таҷрибаи таърихии сулҳофарии тоҷикон, хусусан фаъолияти КОМ таҳқиқоти мукаммали илмӣ ба анҷом расонида нашудааст.

Ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон марҳилаи нави созандагӣ маҳсуб мeёбад. Барои

халалдор накардани сулҳу субот тавассути талаботҳои асосии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон зарурат ба ташкили Комиссияи оштии миллӣ пайдо гардид, ки дар раванди фаъолияти он намояндагони Ҳукумат ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик ширкат варзиданд. Гарчанде дар давраи ниҳоии амалисозии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ҷонибҳо ба мушкилиҳои зиёде дучор гардида бошанд ҳам, вале бо кӯшишу ғайрати Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамин лаҳзаҳои душвору ҳассос корҳои зиёде баҳри таъмини сулҳу суботи кишвар ба анҷом расонида шуд. Хушбахтона бо чунин талошу гайрати Сарвари давлат сулҳу осоиштагӣ пойдор гардида, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ 1-уми апрели соли 2000-ум бо Амри махсуси Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қатъ гардид.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзӯи **«Таърихи раванди оштии миллии тоҷикон (солҳои 1991-2001)»** ба бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти № 505 ба тавсиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Холмуродова Меҳрафрӯз Буриевна — сазовори гирифтани дараҷаи илмии илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Таърих мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои таърих, и.в.дотсенти**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ** **Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна**

**Суроға:**734003, г. Душанбе, хиёбони Рудакӣ121, E-mail: **matlubaganjakova@mail.ru.**тел. (+992) 934 51 55 60

**Имзои номзади илмҳои таърих**
**М. Г. Ганҷаковаро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Назаров Давлатхон**